«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
________________
«15» ________ 2024.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи "Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

## I. Мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи интихобшуда

Мубрамии таҳқиқот аз он бармеояд, ки гурӯҳи ноҳияҳои минтақаи Рашт, ки яке аз гӯшаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон буда, тамоми водии дарёи Сурхоб, Хингоб ва як қисми дарёи Вахшро то сарҳади ноҳияи Файзобод дар бар мегирад, ба ноҳияҳои дотатсионӣ шомил мешаванд. Масоҳати умумии минтақаи Рашт 16,8 ҳазор километри мураббаъ буда, 11,8% -и ҳудуди кишвар ва 58,7%-и ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро фаро гирифта, шумораи аҳолиаш 341 ҳазор нафарро ташкил мекунад, ки 3,3%-и аҳолии кишвар ва 16%-и НТҶ-ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ ҳамагӣ 304888 гектар мебошад, ки 8,3% -и ҳудуди кишвар ва 33%-и НТҶ-ро фаро мегирад.

Таъмини рушди босуботи минтақа дар замони истиқлолият маҳз ба туфайли кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вусъат бахшидан ба рушди минтақаҳо тавассути танзим ва дастгирии давлатӣ ва қабули барномаҳои стратегии рушди миллӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид имконпазир гардидааст. Хусусан дар самти дастгирии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳои муҳимму аввалиндараҷаи рушди минтақаҳо ҳамасола тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд.

Аз ҳамин лиҳоз, баррасӣ ва таҳқиқи танзиму дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи алоҳидае ба мисли минтақаи Рашт кӯшиши арзёбии сиёсати давлат дар сатҳи минтақа, натиҷагирӣ аз дастовардҳои рушди бемайлони солҳои охир буда, мубраму саривақтӣ маҳсуб мешавад.

## II. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Арзёбии муқаррарот ва муҳтавои диссертатсияи Деҳқонов С. собит сохт, ки онҳо ба талаботи сархатҳои 1; 4; 5; 9 ва 21-и шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

## III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки дар таҳқиқоти анҷомдодашуда ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти минтақавӣ, ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро мавриди омӯзиш қарор дода, муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодиёти минтақавиро гузаронида, сатҳи рушди онро муайян намудааст. Ҳамзамон, довталаб дар асоси таҳқиқи танзим ва дастгирии давлатӣ заминаҳои берунӣ ва шароити дохилӣ, зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақаи Раштро дар давраи муосир асоснок намуда, асосҳои сиёсати давлатро дар таъмини рушди иқтисодии минтақаи мазкур бо захираҳо, аз ҷумла ҳавасмандгардонии буҷети маҳаллӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар таъмин ва коркарди захираҳои минтақа тавзеҳи илмӣ додааст.

Диссертатсияи Деҳқонов С. аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашудаи шомили 158 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 181 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, дорои 32 ҷадвал, 7 расм ва 11 диаграмма мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи он бо барномаю лоиҳаҳо, мақсад, вазифаҳо, объект ва фарзияи таҳқиқот муайян гардида, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ҳимояшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тасвиб ва амалисозии онҳо зикр гардидаанд.

**Дар боби якум – “Асосҳои назариявӣ ва методии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ”** - асосҳои назариявии зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақа дар шароити муосир, вазифа, шакл ва самаранокии усулҳои танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа, таҷрибаи хориҷии танзими давлатии иқтисоди минтақавӣ ва имконияти истифодаи он дар Тоҷикистон, мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода шудаанд (Саҳ.14-58).

Муаллиф қайд кардааст, ки танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақа дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва таносуби ноустувори фароҳамомада хело зарур буда, аз нигоҳи назария ва амалия,

мавқеи олимон ва коршиносони хориҷию ватанӣ асоснок гардидааст. Чунки, минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ, табиӣ ва иқтисодӣ зоҳир мешаванд. Заминаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёт дар робита ба имкониятҳои тараққиёти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда ҳамчун иқтисодиёти минтақавӣ ва яке аз шохаҳои илми иқтисодӣ ба шумор меравад.

Адабиёти соҳавиро таҳқиқ карда, унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки "иқтисодиёти минтақавӣ яке аз шохаҳои илми иқтисодӣ буда, мусоидат ба рушди он айни замон бомаврид мебошад". Ӯ ҳангоми таҳлили ҳолати воқеии ноҳияҳои минтақаи Рашт, масоҳат, аҳолӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Сангворро таҳлил намуда, онҳоро ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ дар якҷоягӣ ҳамчун минтақаи Рашт таҳқиқ кардааст.

Ӯ таҳаввулоти мафҳуми «иқтисоди минтақавӣ»-ро аз назари намояндагони илми иқтисод пайгирӣ намуда, ҷадвали махсус тартиб дода, таърифи муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки "Иқтисодиёти минтақавӣ низоми ташаккулёфтаи иқтисодию иҷтимоии ҳудуди муайян буда, омӯзиш ва коркарди ашёҳои хом ва захираҳои табиии маҳаллиро дар мавқеи ҷойгиршавиашон бо алоқамандии иқтисодии минтақаҳои кишвар дар бар мегирад" (С.16)

Барои баҳравар шудан аз амалияи таъмини танзими давлатии рушди минтақавӣ муаллиф ба таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя ва як қатор давлатҳои пешрафта рӯ оварда, бо ин мақсад таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва як қисми кишварҳои пешрафта, аз қабили Фаронса, Олмон, Сингапур, Малайзия ва Туркияро таҳлил намуда, таҷрибаи муайян кардани рушди минтақа дар заминаи моделҳои мутобиқи иқтисодӣ ва баҳисобгирии хосияти ҳудудию маъмурӣ, низоми андозситонӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ, рушди сайёҳӣ ва саноати ҳамчун самтҳое, ки метавонанд дар фаъолияти иқтисодии минтақаҳои кишвар истифода бурда шаванд, ҷудо кардааст.

Муаллиф, натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои тараққикардаро доир ба рушди минтақаҳо дар ҷадвали 1.4. ҷамъбаст кардааст (с.51-53). Чунончи, таҷрибаи кишварҳои Фаронса, Олмон, Сингапур, Малайзия ва Туркия дар ин ҷадвал таҳлил шудааст.

Аз таҳқиқи таҷрибаи мазкур чунин хулоса шудааст, ки механизҳои калидии рушд дар солҳои охир ин таваҷҷуҳ ба рушди иқтисодии инноватсионӣ, омилҳои муосири ҷалби сармоягузорӣ, рушди саноат, пасткунии меъёрҳои андоз ва рушди соҳаи сайёҳӣ дода мешавад (с.58).

Дар боби дуюм - **“Таҳлили вазъи муосири иқтисодию иҷтимоӣ ва тамоюлҳои рушди минтақаи Рашт”** унвонҷӯ ҳолати муосири сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаро таҳлил намуда, рушди иқтисодии минтақаро бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ арзёбӣ намуда, имкониятҳои молиявии минтақаро ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст (с.59-117).

Муаллиф бо истифода аз Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки дар он минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаҳои сатҳи даромади аҳолӣ ба 5 қисм ҷудо карда шудаанд, ноҳияҳои минтақаи Раштро вобаста ба сатҳи даромади аҳолӣ тақсим кардааст. Чунончи, ноҳияи Рашт ба қисми сеюм даромади миёна, ноҳияҳои Нуробод ва Лахш ба қисми чорум дорои даромади паст ва ноҳияҳои Тоҷикободу Сангвор ба қисми панҷум дорои даромади камтарин шомил мебошанд (с.85).

Ҷанбаи муҳимми кор дар он аст, ки муаллиф имкониятҳои молиявии минтақа ва ҳавасмандгардонии буҷети маҳалро ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ дар доираи як зербоби алоҳида мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст (с.99-116).

Муаллиф, молияи минтақавиро ҷузъи ҷудонашавандаи низоми молиявии кишвар дониста, алоқамандии онро ба рушди принсипҳои демократӣ дар сохтори давлатӣ ва идоракунӣ то худидоракунии маҳаллӣ махсус қайд кардааст.

Дар кор, буҷетҳои ноҳияҳои минтақа таҳлил гардида чунин хулосабарорӣ шудааст, ки ҳамаи ноҳияҳо субвенсионӣ мебошанд ва муаллиф зарур шуморидааст, ки барои пайдо кардани манбаъҳои афзунгардонии буҷетҳои маҳаллии ноҳияҳои минтақа инфрасохтори истеҳсолию хизматрасонии мавҷудбуда ба таври васеъ фаро гирифта шавад, то ки ҳамчун заминаи васеъ гаштани манбаъҳои андозӣ ва устуворгардонии буҷети маҳаллӣ баромад кунанд. Аз ин рӯ, дар ин самт эҳёи истеҳсолот, соҳибкорӣ ва тиҷорати молу маҳсулоти маҳаллӣ ва ташаккули иқтидори молиявии минтақа муайянкунанда мебошанд (с.117).

Дастоварди муаллифро дар доираи ин боб, илова ба таҳлилҳои амиқи илмӣ, мулоҳизаронҳои асоснок, инчунин дар ҷамъоварии маводи оморӣ дидан мумкин аст, ки танҳо дар ҳамин боб 19 ҷадвал ва 7 диаграммаи таҳлилӣ бо ҳисобкуниҳои мантиқӣ оварда шудаанд. Хусусияти ин ҷадвалҳо дар он аст, ки аксарияти онҳо дар асоси маводҳои омори минтақавӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф дар асоси ин маводҳо таҳлили эконометрикии нишондиҳандаҳои асосии рушди устувори иқтисодии минтақаи Раштро гузаронида, ду самти таҳлили эконометрикӣ: таҳлилҳои коррелятсионӣ ва регрессиониро истифода

бурдааст. Натиҷаҳои таҳлили мазкур дар ҷадвали алоҳида (с.97) ва формулаҳои мушаххас (с.98) дарҷ гардидаанд.

Дар боби сеюм - **“Самтҳои асосии самаранок гардонидани танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақаи Рашт”** масъалаҳои дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию молиявии минтақа дар давраи миёнамуҳлат, шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун механизми иқтисодии рушд, зарурат ва роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт баррасӣ гардидаанд.

Тамоюли зиёдшавии истифодабарии амалиётҳои ғайринақдӣ аз ҷониби аҳолии минтақа ошкор шудааст. Дар натиҷаи мушоҳидаи афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ, теъдоди банкоматҳо ва миқдори пос-терминалҳо муаллиф ба хулосае омадааст, ки афзоиши ин нишондиҳандаҳо ба талаботи рӯзафзуни аҳолии минтақа нисбат ба истифодабарии ин гуна шаклҳои хизматрасониҳои бонкию молиявӣ ишора мекунанд.

Муаллиф дар заминаи истифодабарии афзорҳои амсиласозӣ, модели дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявии минтақаи Раштро барои давраи солҳои 2023-2028 ҳисоб карда баромадааст (ҷадвали 3.6, саҳ. 129).

Аз маълумоти ҳисоби арзёбии намудани вазъи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодию молиявии минтақаи Рашт дар давраи солҳои 2023-2028 чунин натиҷагирӣ шудааст, ки сол то сол онҳо майли мусбат дошта, ба рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини молиявии минтақа дар доираи дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа мусоидат мекунанд.

Дар таҳқиқоти тақризшаванда шарикии давлат бо бахши хусусӣ хамчун механизми иқтисодии рушди минтақаи Рашт пешниҳод гардида, дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ бартариҳои асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ҳолати воқеии минтақаи Рашт дар шакли **SWOT**-таҳлил асоснок карда шудааст (с.142-143).

Муаллиф механизмҳои калидии татбиқи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Раштро дар як расми алоҳида пешниҳод кардааст (с.154). Ҳамзамон, ба хотири рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт ташкили минтақаи озоди иқтисодии Раштро омили саривақтӣ донистааст, чунки, ба ақидаи муаллиф, “ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ яке аз заминаҳои асосии ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоӣ иқтисодӣ, стратегӣ ва ҳалли мушкилоти бунёдии иқтисоди минтақа ҳисобида мешавад” (с.155).

Деҳқонов С. дуруст қайд кардааст, ки “Дуруст ба роҳ мондани танзими ташкилию ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва рушди инноватсионӣ бо дарназардошти таъмини баробарии минтақавии сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳамбастагии ҳамкориҳои институтсионалӣ ҳамчун

омили муҳим дар самти рушди иҷтимоию иқтисодии тамоми ноҳияҳои минтақаи Рашт баромад мекунад" (с.158).

Дар **хулосаи** таҳқиқоти анҷомёфта натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои хусусияти амалидошта оварда шудаанд.

## IV. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он тақвияти дастгирии давлатӣ ва танзими молиявӣ бо мақсади таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа асоснок карда шудааст. Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки унсури навгониҳои илмӣ доранд, метавон инҳоро ҷудо кард:

**Якум**, асоснок шудани заминаҳои назариявӣ ва методии танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа;

**Дуюм**, нишон додани роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат ва истифодаи таҷрибаи пешқадам дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ.

**Сеюм**, мушаххас кардани механизми танзим ва дастгирии минтақа аз ҷониби давлат дар шароити иқтисодии муосир, нишон додани роҳҳои баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва инкишофи он;

**Чорум**, ошкор намудани омилҳои ба рушди иқтисодӣ ва таъмини буҷетҳои маҳаллии минтақаи тадқиқотӣ таъсиррасон;

**Панҷум**, пешниҳод кардани таъсиси корхонаҳои хурду миёна, бунёди минтақаи озоди иқтисодии Рашт бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар минтақаи Рашт;

**Шашум**, арзёбии рушди иқтисодии минтақа, таҳия ва пешниҳоди дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ бо таҳлили оморию эконометрикӣ

**Асоснокии нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** бо он собит кардан мумкин аст, ки дар он танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа аз ҷиҳати назариявӣ ва методӣ асоснок шуда, роҳҳои сафарбар намудани имконниятҳои дохилӣ ва таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, роҳҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа пешниҳод гардида, механизми дастгирии давлатӣ ва танзими шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба сифати яке аз омилҳои татбиқи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа таҳия ва манзур шудааст.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот дар арзишманд будани натиҷаҳои илмӣ ва амалии тадқиқоти чандинсолаи муаллиф оид ба роҳҳои мусоидати рушди минтақаҳо, хусусан минтақаи Рашт зоҳир мегардад. Таҳқиқи илмии

кори диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Рашт дар шароити муосири иқтисодӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбад. Барои рушди минтақаҳо имкони истифодабарии натиҷаҳои бадастоварда ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва иҷроиши буҷетҳои минтақавӣ барои афзоиши иқтидори андозӣ ва молиявӣ муайян карда мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои тадқиқот аллакай барои такмили рушди иқтисодии минтақавӣ, ҳавасмандгардонии сиёсати молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси корхонаҳои хурду миёна, рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои минтақаи Рашт мавриди истифода қарор гирифтаанд ва санади татбиқи онҳо аз мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатии ноҳияи Рашти минтақаи мазкур мавҷуд аст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар раванди таълими мактабҳои таҳсилоти олӣ зимни тадриси фанҳои «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Иқтисодиёти миллӣ», «Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ» ва «Иқтисодиёт дар корхонаҳои саноатӣ» истифода намудан бомаврид аст.

**V. Дараҷаи асоснокии нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** бо он асоснок шудааст, ки дар он консепсияи муаллифӣ оид ба таъмин намудани рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа тавассути дастгирӣ ва танзими давлатӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, муътамад будани нуктаҳои мазкур бо саҳеҳият ва миқдори назарраси маводи таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ, коркард, таҳлили механизмҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт, нашри натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ таъйид шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо маълумоти илмӣ-амалӣ (таҷриба), татбиқи усулҳои гуногуни таҳқиқоти иқтисодӣ тасдиқ ва асос ёфтаанд.

**VI. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқоти анҷомдодаи Деҳқонов С. моро ба чунин хулосае водор кард, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Деҳқонов С.А. ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**VII. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 16 кори илмӣ, аз ҷумла 7 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки аз он ҷумла, 3 мақола дар алоҳидагӣ таълиф шудааст

Автореферат ва корҳои илмии муаллиф мухтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамоянд.

**VIII. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ**

Сарфи назар аз дастовардҳои таҳқиқот, он аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ орӣ нест. Масалан:

1. Бо мақсади муайян намудани сатҳи рушди иқтисоди иҷтимоӣ минтақаи Рашт, дар таҳқиқот нишондиҳандаҳои онро бо дигар минтақаҳои кишвар муқоиса намудан даркор буд.

2. Дар диссертатсия таҳлилҳо дар давраҳои гуногун пешниҳод гардидаанд, хуб мебуд агар ҳамаи соҳаҳои таҳқиқотгардида як давраи муайянро дар бар мегирифт.

3. Ба назари мо, дар самти мазкур маводҳои зиёде мавҷуданд, аз қабили як қатор қарору фармонҳо ва барномаҳо, ки барои танзим ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо бахшида шудаанд, диссертант аз ин маводҳо зиёдтар истифода менамуд, сифати кор беҳтар мегардид.

4. Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф зиёдтар ба самти рушди иқтисодӣ такя намуда, самти иҷтимоиро камтар мавриди таҳлил қарор додааст, аз таҳқиқи иловагӣ дар соҳаи иҷтимоии минтақа муаллиф бурд мекард.

5. Дар кор ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳои зиёд оварда шудаанд, ки моҳияти илмии таҳқиқотро боло мебаранд, аммо қисмате аз онҳо шарҳу тавзеҳи иловагиро тақозо доранд.

Вале эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳаргиз аҳамияти илмии кори анҷомёфтаро коста намекунанд.

**IX. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Таҳқиқоти диссертатсионии Деҳқонов С.А. кори мукаммалу анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб меёбад, кор навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боварибахш дорад. Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Деҳқонов С.А. тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, сурат гирифтааст.

**X. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсияи тақризшаванда**

Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи "Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03.- Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ ба муқаррароти мавҷуда ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои таҳқиқот дар

асосноккунии заминаҳои назариявии таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа саҳмгузор мебошанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Деҳқонов С.А. дар мавзуи “Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03.- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор - 10 нафар; зид –нест; бетараф – нест (Протоколи № 8 аз 13.03.2024).

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи иқтисоди
миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Тағоев Б.Д.**

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисоди миллӣ ва бехатарии
иқтисодии ДМТ **Сафаров А.Ҳ.**

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи
иқтисоди миллӣ ва бехатарии
иқтисодии ДМТ **Чоршанбиев С.Р.**

Имзоҳои Тағоев Б.Д., Сафаров А.Ҳ., ва Чоршанбиев С.Р-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел(+992)37 221-62-25
Info@tnu.Tj